«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р.

________________________

«__11__» августи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиноснома ихтисоси илмӣ.** Туфайли ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ илми адабиётшиносии тоҷик низ ба рушду таҳаввули назаррас дучор гардид. Аз ҷумла, доираи таҳлилу таҳқиқи илми адабиётшиносӣ нисбат ба даврони шуравӣ хеле густардаву фарогиртар шуд ва муҳаққиқон дар баробари пажуҳиши рӯзгору осори адибони алоҳида ба нақду баррасии масъалаҳои гуногуни илми адабиётшиносӣ ва арзишдоварии фаъолияти адабиётшиносони пешин низ машғул гардиданд. Дар ин миён, диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин ба ҳамин гуна як масъалаи дорои аҳаммияти хос бахшида шуда, диссертант дар раванди пажуҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст. Мавзуи интихобшуда ба гурӯҳи мавзуъҳои камтаҳқиқшудаи адабиётшиносии тоҷик шомил мешавад.

Дар диссертатсия бори нахуст фаъолияти илмию адабии яке аз адабиётшиносони пуркор ва адибони хушқариҳаи тоҷик – Расул Ҳодизода ба таври бонизом ва фарогир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Арзиши илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки он самту ҷойгоҳи фаъолияти муҳаққиқии Расул Ҳодизодаро муайян намуда, ҳамзамон, нақши ӯро дар рушду таҳаввули насри бадеии тоҷик равшан мекунад ва ба ҳамин восила барои такмили омузиши таърихи адабиёти тоҷик ва таърихи нақду назарияи адабиёт заминаи илмии муносиб фароҳам меорад.

Муҳтавои диссертатсия ба таври комил ба доираи масъалаҳо ва самтҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) муқаррар шудаанд, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Расул Ҳодизода аз намояндагони номошнои илму адаби муосири тоҷик буда, дар давоми фаъолияти бисёрсолаи эҷодӣ ба таҳқиқу баррасии як зумра масоили муҳимми адабиёти бадеӣ даст ёфтааст ва ҳамзамон, дар заминаи маводди фаровони адабию таърихии ҷамъовардаи худ осори арзишманди бадеӣ низ таълиф намудааст. Фаъолияти муҳаққиқии Расул Ҳодизода густардаву фарогир буда, ба таҳқиқи масъалаҳои ҷиддие, амсоли нақду баррасии доираҳои адабии Бухоро ва намояндагони алоҳидаи он дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, адабиёти маорифпарварии тоҷик ва вижагиҳои он, паҳлуҳои гуногуни адабиёти классикии форсу тоҷик, тасаввуф ва таъсири он ба адабиёти бадеӣ, тазкираҳо ва моҳияти илмиву назариявии онҳо ва дигар масъалаҳои ба инҳо монанд бахшида шудаанд. Инчунин, эҷоди асарҳои бадеӣ-таърихӣ низ аз дигар самтҳои фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода буда, ин осори ӯ низ сазовори таҳқиқу баррасии хоссаанд.

Тавре дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ»-и диссертатсия зикр гардидааст, аз дер боз паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, дар бораи эҷодиёти ӯ як силсила мақолаву гузоришҳои илмӣ низ ба табъ расидаанд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти илмию адабии ин муҳаққиқ ва адиби соҳибистеъдод то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври бонизом ва фарогир мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд ва ҳамин масъала **мубрамияти мавзуи** диссертатсиониро асоснок менамояд. Бо дарназардошти ҳамин ҳолате, ки гуфтем, нақду баррасии осори гаронбаҳои илмию таҳқиқотӣ ва бадеии Расул Ҳодизода дар баробари аҳаммияти меҳварие, ки дорад, боиси равшан намудани марҳалаҳои рушду таҳаввули илми адабиётшиносии тоҷик дар даврони шуравӣ ва ҳам раванди такомули насри бадеии муосир мегардад ва ҳамчун **иқдоми муҳимми илмӣ** арзёбӣ мешавад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дар раванди таҳқиқ масъалагузориҳои илмӣ, усулҳои таҳлил ва роҳҳои ҳалли онҳо ба таври мақсаднок муайян гардида, натиҷагирӣ ва хулосабарории муаллиф бар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва адабӣ асоснок шудаанд. Мақолаҳои диссертант, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмию тахассусӣ ба нашр расидаанд, бо муҳтаво ва самти тадқиқоти рисола комилан мувофиқанд. Хулоса ва пешниҳодҳои манзургардида дар диссертатсияи Аҳмадзода К.Н. дорои асоси устувори илмӣ буда, ба меъёрҳо ва талаботи муқаррарии таҳияи кори диссертатсионии илмӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии илмии диссертатсия аз ҷониби диссертант бо далелҳои мушаххас асоснок гардидаанд ва намоёнгари саҳми арзандаи муаллиф дар таҳқиқи яке аз масоили муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик мебошанд. Диссертатсия иқдоми нахустин дар таҳқиқи комили фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода буда, фарогири андешаҳои мушаххасу мудаллали илмӣ оид ба ҷойгоҳи ӯ дар таърихи илму адаби муосири тоҷик аст.

Дар баробари ин, муайян намудани тамоюлҳои ҷустуҷӯҳои назарӣ ва амалии Расул Ҳодизода дар давоми фаъолияти эҷодӣ ва таъсирпазирии ӯ аз сиёсати илмию адабии давр, аз ҷумлаи навгониҳои илмии таҳқиқ ба шумор меравaнд. Ин дастовардҳо доираи донишҳои мавҷударо дар бораи таърихи адабиётшиносии муосири тоҷик ва раванди такомули насри бадеӣ васеътар намуда, барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ ва масъалаҳои монанд заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия**. Маводди пешниҳодшудаи диссертатсия, инчунин хулосаҳо ва натиҷагириҳои бадастовардаи муаллиф, ба сифати манбаи муҳимми назариявӣ, метавонанд барои унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ, магистрантон ва донишҷӯён хидмат намоянд. Ин мавод дар омузиши паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии адибон ва адабиётшиносони тоҷик, таҳқиқи масъалаҳои монанд дар илми адабиётшиносӣ, баррасии марҳалаҳои ташаккул ва рушди маҳорати эҷодии адибон ва муҳаққиқони алоҳида, инчунин дар арзёбии ҷараёни инкишофи адабиёти гузаштаву имрӯза ҳамчун дастури илмӣ нақши таъсирбахш дорад.

Бо дарназардошти ҳадафҳои илмиву тадқиқотии худ, диссертант вазифаҳои муайянеро пеш гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чор банд мураттаб кардааст. Ин нуктаҳо муҳтавои фаслҳо ва бобҳои таҳқиқотро инъикос намуда, собит менамоянд, ки Расул Ҳодизода ҳамчун яке аз адабиётшиносони варзидаи тоҷик дар таҳқиқи таърихи адабиёт, таҳияву нашри осори намояндагони барҷастаи адабиёти бадеӣ корҳои мондагори илмӣ анҷом дода, ҳамчунин бо таълифи як силсила осори мансури бадеӣ дар тарбияи ахлоқӣ ва завқӣ-зебописандии хонандагон саҳми босазо гузоштааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Кори таҳқиқии мазкур бар пояи методҳо ва усулҳои пазируфтаи адабиётшиносӣ иҷро шуда, муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия аз дастовардҳои илмӣ ва осори назариявии адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври зарурӣ истифода бурдааст. Натиҷаҳои мушаххаси ҳар боб бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок гардидаанд, ки дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ, нақд, мубоҳисаву муҳокима ва муқоиса ба даст омадаанд.

Кори диссертатсионӣ бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу фаслҳои он мубоҳисаҳои судманди илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд.

Интихоби дурусти роҳу усулҳои таҳқиқ ва омузиши амиқи манобеи илмӣ ва адабӣ ба муаллиф имкон додаанд, ки аз мавзуъ ва масъалаҳои дар фаслҳои диссертатсия баррасигардида **хулоса ва тавсияҳои** дурусту эътимодбахш ба даст оварад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он таҷассум меёбад, ки ӯ рисоларо мустақилона анҷом дода, ковишҳои илмиро бо масъулият ба роҳ монда, дар натиҷа, ба дастовардҳои арзишманду судманд дар соҳаи адабиётшиносии ватанӣ ноил гардидааст.

Аҳмадзода К.Б. дар кори диссертатсионии худ ба таҳқиқу баррасии як зумра масоили ба мавзуъ марбут, аз қабили зиндагинома ва фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода, назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик, нашру тадвини осори гузаштагон аз ҷониби муҳаққиқ, таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои ӯ ва нақши Расул Ҳодизода дар рушду таҳаввули насри таърихии тоҷик пардохта, аз уҳдаи ҳалли ин масоил ба хубӣ баромадааст. Тамоми таҳлилҳо, ҷамъбастҳо ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда натиҷаи фаъолияти мустақилонаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Аз ин рӯ, **саҳми шахсии муҳаққиқ** дар таҳияи асосҳои назариявӣ, таҳлили маводди илмӣ ва баровардани натиҷаҳои таҳқиқ назаррас буда, арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам тақвият мебахшад.

**Интишорот дар мавзуи диссертатсия ва сохтори он**. Маълумоти пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ пеш аз ҳимояи диссертатсия дар муҳити илмӣ мавриди муаррифӣ қарор гирифтаанд. Интишори шаш мақолаи илмӣ, аз ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санҷиш ва эътирофи натиҷаҳои таҳқиқ дар доираҳои илмӣ шаҳодат дода, сатҳи илмии корҳои анҷомдодашударо тасдиқ менамояд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Дар диссертатсия фаъолияти илмию адабии Расул Ҳодизода ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифта, баёнгари он аст, ки таҳқиқ аз ҷониби унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба гунаи шоиста анҷом ёфтааст. Ҳар як бобу зербоби кори таҳқиқӣ ба як ё якчанд масъалаи ба мавзуъ алоқаманд бахшида шуда, ин масоил аз ҷониби диссертант ба таври аҳсан ва мувофиқ ба талаботи мавҷуда таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Сохтори диссертатсия ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ мутобиқ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва номгӯи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад. Бинобар талабот нисбат ба ҳалли вазифаҳои илмӣ, бобҳои диссертатсия ба фаслҳо ҷудо шудаанд. Чунин сохтори мантиқӣ барои пайдарпай ва мукаммал баён гардидани масъалаҳои таҳқиқ мусоидат намуда, фарогирии ҳамаҷонибаи мавзуи интихобшударо таъмин намудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ ва дараҷаи таҳқиқи он баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо асоснок карда шудаанд. Илова бар ин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин саҳми шахсии диссертант дар анҷом ва таҳияи таҳқиқот ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

**Боби аввали** диссертатсия «**Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода**» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. **Фасли якуми** боби аввали диссертатсия ба масъалаи **«Зиндагиномаи Расул Ҳодизода»** бахшида шуда, муаллифи диссертатсия бо такя ба асноди мавҷуд, бахусус осори ёддоштии худи нависанда, ҷараёни зиндагии ибратбахши ин донишманд ва адиби тоҷикро рӯйи коғаз овардааст.

**Фасли дуюми** боби аввал, ки **«Осори илмӣ ва бадеӣ-таърихии Расул Ҳодизода»** унвон дорад, муаррифии се самти фаъолияти эҷодии Расул Ҳодизода – адабиётшиносӣ, мунаққидӣ ва нависандагиро дар бар мегирад. Қайд гардидааст, ки мавсуф ҳанӯз аз даврони наврасӣ ба навиштани шеъргунаҳо машғул буда, минбаъд зимни таҳсил дар донишгоҳ ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни адабиёти бадеӣ шавқ пайдо мекунад ва аввалин кори ҷиддии ӯ дар шинохти адабиёти бадеӣ таълифи рисолаи дипломӣ буд. Минбаъд аввалин мақолаи ӯ, ки ба фаъолияти эҷодии устод Айнӣ бахшида шуда буд, соли 1950 дар маҷаллаи маъруфи «Шарқи сурх» ба нашр мерасад. Ба ҳамин тартиб, фаъолияти адабиётшиносии Расул Ҳодизода таҳти роҳбарии устод Айнӣ оғоз ёфта, баъди омузишҳои пайваста ва такмили донишу маълумоти худ ӯ ба таълифи як зумра асарҳои мондагори илмию таҳқиқӣ даст ёфта, ҳамчун адабиётшиноси варзида ва соҳибқалам шинохта мешавад. Мавсуф дар давоми фаъолияти эҷодӣ дар танзиму тасҳеҳи як зумра осори классикӣ саҳм гузошта, ҳамзамон ба тарҷумаи бадеӣ низ машғул будааст.

Ошноии бештар бо таърихи адабиёти тоҷик ва намояндагони алоҳидаи он Расул Ҳодизодаро ба навиштани очеркҳои таърихӣ ва минбаъд асарҳои гуногуни бадеӣ, ки қисмати аъзами онҳо ба зиндагинома ва фаъолияти адибон

бахшида шуда буданд, таҳрик менамояд ва ҳамин тавр, ӯ ҳамчун нависандаи чирадаст низ эътироф мегардад.

Ба ҳамин тартиб, диссертант тавонистааст, ки дар боби аввали кори худ фаъолияти гуногунҷабҳаи ин муҳаққиқи адабиёти бадеӣ ва адиби номошноро хеле хуб ва мудаллалу мубарҳан муаррифӣ намояд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон»** унвон дошта, дар он масъалаи мавриди баҳс дар ду фасл баррасӣ гардидааст. Дар фасли аввали ин боб, ки **«Назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик»** ном дорад, диссертант муҳимтарин самтҳои фаъолияти адабиётшиносии Расул Ҳодизодаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Тавре аз хилоли андешаҳои унвонҷӯ маълум мешавад, Расул Ҳодизода аз донишмандон ва суханшиносони пуркори тоҷик буда, дар давоми фаъолияти адабиётшиносӣ масъалаҳои гуногуни адабиёти классикиву муосири тоҷик ӯро ба худ машғул доштаанд. Нахустин кори ҷиддии илмии Ҳодизода, ки бо ташвиқи устод Айнӣ амалӣ гардидааст, таҳқиқи тазкираҳо ва дигар маъхазҳои илмию адабие мебошад, ки дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX таълиф гардидаанд. Ҳамин иқдом заминаи асосии фаъолияти таҳқиқотии Расул Ҳодизода гардида, минбаъд ӯ як зумра корҳои ҷиддие оид ба адабиёти ин давра ва намояндагони асосии он: Аҳмади Дониш, Шоҳин, Возеҳ, Савдо ва чанд нафари дигар ба анҷом мерасонад. Вале фаъолияти илмии донишманди мазкур бо таҳқиқи адабиёти тоҷики садаи XIX ва ибтидои садаи XX маҳдуд нагардида, ӯ ба бисёр масъалаҳои ҷиддии дигаре, амсоли таҳқиқи адабиёти тасаввуфӣ, иштирок дар таълифи очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, вазъи адабиёти бадеӣ дар даврони муосир, вижагиҳои нақди адабӣ ва ғайраҳо машғул буда, дар ин самтҳо низ комёбиҳои назарраси илмӣ доранд.

**«Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажуҳишҳои муҳаққиқ»** унвони фасли сонии боби дуюм мебошад. Дар ин қисмати кор кӯшишҳои муҳаққиқ аслан барои собит намудани ин иддао равона гардидааст, ки Расул Ҳодизода аз адабиётшиносони пуркор ва ҳамзамон, пухтакори тоҷик буда, зимни таҳқиқи осори адабии гузаштагон дар баробари арзёбии ҳусну қубҳи ғоявии эҷодиёти онҳо ба таҳқиқи ҷанбаи зебошинохтии ин асарҳо низ мепардозад. Яъне, арзишдовариҳои ин муҳаққиқ яктарафа набуда, дар натиҷаи таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни осори адабӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертант масъалаҳои дар боби дуюм баррасишавандаро чунин хулоса ва натиҷагирӣ менамояд, ки ба андешаи мо дуруст ва асоснок мебошад: «Расул Ҳодизода дар заминаи таҳқиқи муқоисавӣ собит кардааст, ки мундариҷа, ғоя ва сохтори бадеии осори адибони ҳунарманд ва боҳувият ба воситаи масолеҳи

мушаххасе, ки аз зиндагӣ гирифта шудааст, шакл гирифта, дар маҷмуъ сохтори ҷомеи ҳунарии осори онҳоро мушаххас месозад» (диссертатсия, саҳ.110).

**Боби сеюми** диссертатсия **«Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ»** ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар **фасли аввали** ин боб, ки **«Таҷассуми симои шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда»** унвон дорад, диссертант ба таҳқиқу баррасии ҷанбаи воқеиву тахайюлии осори мансури нависанда пардохта, зимни таҳлили симоҳои асосии ин осор ҳадафи асосии муаллифро муайян кардан хостааст. Зикр гардидааст, ки аксари қаҳрамонони асосии асарҳои Расул Ҳодизода, ба монанди устод Рӯдакӣ, Фаррухии Систонӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин ва Кароматуллоҳи Дилкаш шахсиятҳои барҷаста ва номоваре ҳастанд, ки барои рушду таҳаввули адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик хизматҳо кардаанд. Диссертант зимни тасвири бадеии ин симоҳои таърихӣ аз воқеъгароии маҳз истифода набурдани нависандаро яке аз имтиёзоти ҳунари нависандагии Расул Ҳодизода ҳисобидааст. Муаллифи диссертатсия мабҳаси дар ин фасл баррасишавандаро бо ҳамин маънӣ хулоса кардааст, ки нависанда зимни тасвири бадеии сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ ба фаъолияти зоҳирии онҳо зиёд диққат надода, бештар ҷанбаҳои фардӣ, маънавӣ ва равонии онҳоро мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

**Фасли дуюми боби савуми** диссертатсия ба таҳлилу баррасии вижагиҳои сабки нигориши нависанда бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант, бо он ки сабки нигориши Расул Ҳодизода аз бисёр ҷиҳат ба сабки нависандагии роиҷ дар даврони шуравӣ монандӣ дорад ва дар эҷодиёти ӯ хусусиятҳои қолабшиканӣ ва навпардозӣ мушоҳида намешавад, осори ин нависанда дорои баъзе вижагиҳои мушаххаси сабкӣ мебошанд, ки онҳоро аз навиштаҳои дигарон фарқ мекунонанд. Ин вижагиҳоро диссертант дар «пайванди тафаккури таърихӣ, эҳсоси миллӣ, назари таҳлилӣ ва шеваи баёни содаву фасеҳ» (диссертатсия, саҳ. 145) дидааст, ки ба назари мо, ҳоло низ такмил мехоҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 13 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати худи муаллифи диссератсия мебошанд. Истифодаи огоҳонаи сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва адабиёти илмию таҳқиқотӣ, аз як тараф густурдагӣ ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳанд, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии диссертатсия мебошанд. Арзишдовариҳои диссертант оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъ ва баёни андешаҳои мудаллали илмӣ арзиши илмии диссертатсияро дучанд

меафзоянд. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгуй мақолаҳои илмии ӯ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда дорои дастовардҳои назарраси илмию таҳқиқӣ мебошад. Бо вуҷуди чунин дастовардҳо, дар матни диссертатсия ва раванди андешаронии муаллифи он баъзе камбудҳо ба назар расиданд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд:

1. Тавре мушоҳида мешавад, мундариҷаи диссертатсия нисбат ба мавзуи илмӣ фарогиртар аст. Яъне, бо он ки диссертатсия **«Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** унвон дорад ва танҳо ба таҳқиқи фаъолияти адабиётшиносии Расул Ҳодизода бояд бахшида шавад, диссертант фаъолияти нависандагии ӯро низ дар як боби алоҳида мавриди накду баррасӣ қарор додааст. Хуб мебуд, ки дар унвони диссертатсия калимаи «нависанда» низ илова мегардид, яъне унвони **«Расул Ҳодизода – нависанда ва муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқтар аст.

2. Ба андешаи мо, қисмати **«Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия»,** ки дар чор банд таҳия гардидааст, ҳоло низ ба такмилу бозбинӣ ниёзманд буда, дарбаргири ҳама масоили дар диссертатсия баррасишаванда намебошанд.

3. Бо он ки диссертатсия бо услуби хуби илмӣ ва риояи забони адабӣ таълиф ёфтааст, дар он баъзе ҷумлаҳои услубан ғалат мушоҳида мешаванд. Барои мисол, хулосабарории диссертант дар ҷумлаи мазкур мантиқан нодуруст менамояд: **«Бо вуҷуди навоварӣ ва аҳамияти илмии ин пешниҳод, он дар адабиётшиносии минбаъда ба таври кофӣ пайгирӣ**

**нашудааст, ки худ нишондиҳандаи пешқадам будани дидгоҳи муҳаққиқ мебошад»** (диссертатсия, саҳ. 76).

4. Тавре ки зимни баррасии фасли дуюми боби савум ишора кардем, фикри диссертант вобаста ба сабки фардии нависанда ҳоло низ ба такмил ниёзманд аст. Мисолҳои овардаи ӯ барои собит намудани ин иддао ҳам кофӣ ва ҳам мувофиқ нестанд.

5. Бо он ки диссертант масъалаҳои баррасишавандаи ҳар як фаслро мухтасар хулоса кардааст, хулосаи умумии ҳар як боб дар алоҳидагӣ мушоҳида намешавад.

6. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия ғалатҳои гуногуни имлоиву китобат мушоҳида мешаванд (саҳ. 14, 17, 21, 30, 46, 55, 68...).

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби таҳлилию адабӣ гирифтан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро ҳамчун дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидаст, бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои бамиёнгузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Икромов Искандар омода гардидааст.

Такриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 10-уми августи соли 2026, суратҷаласаи №12 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Аҳмадов Сафармад Гадомадович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи адабиёти тоҷики
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Икромов Искандар

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа PhD
аз рӯйи ихтисоси филология — Фаҷиров Хурсандмурод Насруллоевич

Имзоҳои С. Аҳмадов, И. Икромов ва Х. Фаҷировро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» — Исҳоқзода Муслиҳидин Маҳмараҷаб

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел. (992-32222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: bgu-78@mail.ru,
Сомона: www.btsu. tj
«10» 08 соли 2026.